# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**доктори илмҳои филологӣ, профессор Худойдодов Аъзам Овлододович ба диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Таҳқиқи мавзуъ, мундариҷа ва афкори адабиву эстетикии адибон дар адабиётшиносӣ аз мавзуъҳои муҳим ва ҷиддии илмӣ мебошад, ки аз пажуҳишгар нигоҳу назари хос ва андешаи фарохро талаб дорад. Омӯзиш ва баррасии ақидаҳои адабиву эстетикии классикони адабиёти форсии тоҷикӣ аз солҳои 50-уми садаи XX оғоз ёфта бошад ҳам, вале он дар нимаи дуюми солҳои 60-70-уми садаи XX шакли васеъу густурдаеро фаро гирифт. Доир ба ақидаҳои адабиву эстетикии адибони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ҳарчанд рисолаи алоҳидае таълиф наёфта бошад ҳам, вале дар рисолаву мақолаҳои муаррихону адабиётшиносон дар баробари муайян намудани паҳлуҳои ҷараёни ҷадидӣ ва адабиёти он дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба масъалаи ақидаҳои адабиву эстетикиии чеҳраҳои адабиёти давраи мазкур нигоҳи иҷмолие афканда шуда, баъзе андешаҳо баён ёфтаанд. Таҳқиқоти Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» кӯшиши нахустин дар мавриди заминаҳо ва омилҳои пайдоиши таҳқиқи ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон маҳсуб меёбад.

Муайян ва мушаххас намудан, баҳои воқеии илмӣ додан ва ба хонанда пешниҳод кардани афкори адабӣ-эстетикии мероси гаронбаҳои классикони адабиёти тоҷик аз вазоифи муҳимми илми адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб меёбад.

Ҳангоми мутоила ва баррасии мероси бойи мутафаккирони бузурги Шарқ Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав,

Насриддини Тусӣ, Шамси Қайси Розӣ, Муҳаммади Родуёнӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Аҳмади Дониш ва дигарон хонанда дар ҷаҳонбинӣ ва афкори адабию фалсафии онҳо баробари дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ба назарияи каломи бадеъ, бавижа илми шеъру шоирӣ ва санъати мусиқӣ ошноӣ пайдо мекунад.

Диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович аз муқаддима, се боб ва хулосаву китобнома фароҳам омадааст. Дар муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, метод ва методология, сарчашмаҳо, объект, предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо як тартиб ва низоми муайяни талаботи диссертатсияҳои илмӣ нигошта шудаанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар он нуктаҳо ифода мегардад, ки масъалаҳои заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳамбастагӣ бо муҳтаво, сохтор, манбаъҳо, сарчашмаи шеъру асарҳои назмӣ ва насрии адибон оид ба ин масъала таҳлилу баррасӣ карда мешаванд. Аҳаммияти мавзуъро инчунин масъалаҳои маорифпарварӣ, пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули он дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX, ҳамчунин муайян кардани афкори адабию эстетикии намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидӣ дар тазкираҳаи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ба таври муқоиса муайян кардани навгароӣ ва суннатгароии адабии шоирон ва нависандагони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ғайра бозгӯӣ мекунанд, ки баррасии ин масъалаҳо то ҳол дар адабиётшиносии тоҷик ба таври таҳқиқоти алоҳидаи монографӣ баррасӣ нашудаанд ва аз аҳаммияти хуби илмӣ бархурдоранд. Пажуҳиши масъалаҳои баёнгардида фазои таҳқиқ ва баррасии илмии афкори адабию эстетикии

намояндагони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-ро муайян ва бозгӯӣ менамояд.

Дар адабиётшиносии тоҷик то кунун мавзуи ақидаҳои адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон хеле кам омӯхта шудаанд, аз ин рӯ, иқдоми Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар таҳқиқи мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» шоистаи таҳсин аст ва чунин масъалагузории таҳқиқи мавзуъ аз нигоҳи назарӣ ва амалии пажуҳиши илмӣ аз омодагии жарфи диссертант дар омӯзиши мавзуъ дарак медиҳад. Диссертант масъалаҳои таҳқиқи назарӣ ва амалии мавзуъро мушаххас омӯхта, нуктаҳои дигари пажуҳишро, ки дар мундариҷаи кор баён шудаанд, бо як низоми муайяни илмӣ таҳқиқ кардааст. Дар радифи муҳтаво ва ҷойгоҳи ақидаҳои адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон диссертант зиёдтар ба пажуҳиши масъалаҳои маорифпарварӣ, пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули он дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX, нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ, зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ашъори назмиву насрии адибони муосираш, навгароӣ ва суннатгароии адабии шоирон ва нависандагони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-ро бо андешаҳои хуби илмӣ нишон додааст. Инчунин, масъалаҳои афкор ва ақидаҳои адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон – Тошхоҷаи Асирӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат ва Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ ба пажуҳиш гирифта шудааст, ки аз аҳаммияти дигари илмии диссертатсия гувоҳӣ медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф аз таҳқиқи мавзуъ далолат бар он нукта мекунанд, ки Абдураҳмонов М.С. мавзуъро хуб омӯхта, ба таҳқиқ хуб ворид шудааст ва ҳамчун муҳаққиқ ба камол расидааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи Абдураҳмонов М.С. дар омӯзиши ин мавзуъ саҳифаи тоза аст, ки онро муҳаққиқони дигар дар мавриди хондани лексияҳо ва пажуҳиши масъалаҳои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ истифода мебаранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдураҳмонов М.С. таҳқиқи ҷомеъ ва фарогири афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон дар адабиётшиносии тоҷикӣ мебошад. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи Абдураҳмонов М.С. дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) комилан ҷавобгӯст ва барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илми филология,
профессори кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Худойдодов А.О.
Тел: 918691499
E mail: khudoidodov 1959@mail.ru
26.08.2022

Имзои профессор А. Худойдодовро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj